Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-100
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш. Душанбе,
х. Борбад 48/5, бинои таълимии "В")

***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит***

Таҳқиқоти диссертатсионии Барнои Файзи Тағоймуродзода ба мавзуи мубрами илми иқтисодӣ бахшида шуда, масъалаи ташкили системаи контроллинг дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро дар бар мегирад, ки имрӯз дар доираҳои илмии кишварҳои дорои иқтисодиёти гузариш фаъолона мавриди муҳокима қарор дорад. Чуноне ки муаллиф дуруст таъкид менамояд, контроллинг ҳамчун унсури муҳими низоми муосири идоракунӣ метавонад барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳо, бахусус муассисаҳои бонкию молиявӣ, заминаи боэътимод фароҳам оварад. Ин низом дорои имкониятҳои назариявию амалӣ буда, ба таъмини таҳлили мунтазам, банақшагирии асоснок ва назорати самараноки равандҳои иқтисодии фаъолияти бонкҳо мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, таҳияи назариявии асосҳои ташкили контроллинг ва мутобиқсозии он ба шароити фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳам барои рушди илми иқтисодӣ ва ҳам барои такмили амалияи идоракунии фаъолияти бонкӣ аҳамияти муҳим дошта бошад.

Муаллифи таҳқиқот дар назди худ ҳадаф гузоштааст, ки асосҳои назариявию методии ташкили системаи контроллинг дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро таҳия намуда, самтҳои асосии такмили механизми татбиқи онро дар шароити рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намояд. Бо мақсади расидан ба ин ҳадаф диссертант як қатор вазифаҳои илмиро муайян намуда, онҳоро ба таври пайдарпай мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Дар натиҷаи ҳалли мунтазами масъалаҳои гузошташуда муаллиф, ба андешаи мо, ба ҳадафи пешбинишуда ноил гардида, ба ҷомеаи илмӣ маҷмӯи муназзами андешаҳои илмиро пешниҳод намудааст, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва рушди системаи контроллингро дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ҳамаҷониба тавсиф менамоянд.

Дар автореферати диссертатсия ба низоми нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ диққати махсус дода шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили амиқи нишондиҳандаҳои мавҷудаи молиявию иқтисодӣ ва идоракунии фаъолияти бонкҳо самтҳои такмили онҳоро асоснок намуда, ҳамзамон як қатор нишондиҳандаҳои нави контроллингиро пешниҳод менамояд. Нишондиҳандаҳои пешниҳодгардида

ба муайянсозии саривақтии минтақаҳои мушкилотнок ва пешгирии намудҳои гуногуни хавфҳои бонкӣ равона гардидаанд. Татбиқи онҳо имконият медиҳад, ки сатҳи мониторинг ва ҳамоҳангсозии равандҳои идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ боз ҳам баланд бардошта шавад. Арзиши илмии пешниҳод дар он зоҳир мегардад, ки ин нишондиҳандаҳо на танҳо барои арзёбии вазъи ҷории фаъолияти бонкҳо, балки барои таъмини устуворӣ дар ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии рушд низ хизмат мекунанд. Истифодаи амалии низоми нишондиҳандаҳои контроллингии пешниҳоднамудаи муаллиф метавонад ба баланд гардидани сатҳи идоракунии равандҳои бонкӣ ва таҳкими суботи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар дурнамои дарозмуддат мусоидат намояд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар автореферат инъикос ёфтааст, дорои асоснокии назариявӣ ва арзиши амалӣ буда, барои ҷомеаи илмӣ қобили қабул ва ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Натиҷаҳои бадастомада ва пешниҳодҳои илмии муаллиф метавонанд на танҳо ба рушди минбаъдаи таҳқиқоти назариявӣ дар самти контроллинг мусоидат намоянд, балки барои татбиқи амалӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ низ аҳамияти муҳим дошта бошанд. Пешниҳодҳои методӣ ва ташкилии пешниҳодгардида имконият медиҳанд, ки равандҳои банақшагирӣ, назорат ва арзёбии фаъолияти бонкӣ бо истифода аз воситаҳои муосири контроллинг такмил дода шаванд. Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун заминаи илмӣ-методӣ барои омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои ташкил ва рушди низоми контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ хизмат намояд ва барои такмили низоми идоракунии фаъолияти бонкӣ мусоидат кунад.

Аз рӯи муҳтавои автореферат бармеояд, ки диссертатсия дар сатҳи баланди назариявӣ ва методологӣ омода гардида, тарзи пешниҳод ва пайдарпайи таҳлили маълумот бо мантиқ баён шудааст, ва натиҷаҳо дорои дараҷаи баландтари исбот ва асоснокӣ мебошанд. Ҳамзамон, васеъии адабиётҳои истифодашуда, базаи меъёрӣ ва эмпирикии таҳқиқот хеле арзанда арзёбӣ мешавад. Сифати натиҷаҳои диссертатсия бо такя ба дастовардҳои назариявии илми идоракунӣ, меъёрҳои муосири ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои стратегӣ ва маълумотҳои таҳлилии иттилоотӣ таъмин гардидааст.

Дар баробари афзалиятҳои зикршуда, дар автореферат баъзе ҷанбаҳои муҳокимашаванда низ ба назар мерасанд.

1. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар автореферат баъзе ҷанбаҳои муқоисавии таҷрибаи байналмилалии ташкили системаи контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ боз ҳам муфассалтар баррасӣ мегардиданд, ки ин метавонад асоснокии пешниҳодҳои илмиро боз ҳам таҳким бахшад.

2. Инчунин, дар баъзе қисматҳои автореферат тавзеҳи иловагии самаранокии иқтисодии татбиқи механизмҳои пешниҳодшудаи контроллинг метавонад арзиши амалии натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам равшантар намояд.

Бо вуҷуди ин мулоҳизаҳои дорои хусусияти тавсиявӣ, онҳо арзиши илмии таҳқиқоти анҷомдодашударо кам намекунанд ва бештар ба такмили минбаъдаи корҳои илмии муаллиф равона гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсия дар мавзӯи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» ба талаботи муқарраргардидаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои илмии муҳиму асоснокро дар бар мегирад. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит мебошад.

Тақриздиҳанда:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
мудири кафедраи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит
Донишгоҳи Славяни Россия ва Тоҷикистон Раҷабова Илмира Рустамовна

Имзои Раҷабова И. Р. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрхо Исмоилова Мавлуда Нуровна

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30
rajabova @ rambler.ru, тел.: (+ 992) 907567536